# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ))**

Диссертатсияи илмии Бозоров Хушвахт аз ҷиҳати муҳтаво ва аҳамияти илмии хеш актуали буда, таҳқиқоти ҷиддие дар ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон ба шумор меравад.

Аз автореферати диссертатсия баръало маълум мегардад, ки пажуҳиши мавриди назар аз муқаддима, чор боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

Қисмати муқаддимаи диссертатсияи илмӣ мувофиқи талаботи ин намуди корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он муаллиф аз муҳиммияти интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқики мавзуъ, мақсаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи таҳқиқоти илмӣ, арзиши амалию назарии диссертатсия ва ҳамчунон, масъалаҳои меҳвари барои дифоъ маълумот додааст. Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талабот ба ин гуна корҳои илмӣ таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва мухтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигариши он аз мустақилияти фикрӣ, пажуҳишхои илмӣ ва кӯшиши навгуйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқи ва имлоию услубии автореферат қавӣ буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якум **«Рушди ақидаи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол дар таҳқиқоти равоншиносию педагогӣ»** моҳияти педагогӣ, психологӣ ва методии малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Аз таҳлили мулоҳизаҳои мавҷуда дар бораи рушди асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ бармеояд, ки андешаҳо дар бораи моҳияти он гуногунанд. Аз ин лиҳоз, равиши ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол дар заминаи омӯзиш ва таҳлили асарҳои равоншиносию педагогӣ муайян карда шуд.

Боби дуюми рисола **«Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили ҳалкунандаи рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ»** ном дошта, дар меҳвари ин боб масъалаҳои ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд.

Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар рушди тафаккури мустақилонаи омӯзишии хонандагон дар ҷараёни амалҳо, бозиҳои гуногуни зеҳнӣ, хаёлӣ ва дидактикӣ, тавассути бедории бомароми фикр ва тафаккури мустақилона инкишоф меёбад.

Дар боби сеюм **«Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба рушди зеҳнию нутқии талабагони**

**синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ»** муаллиф оид ба мақом ва муҳиммияти технологияҳои таълим, ки раванди рушду инкишофи зеҳнию нутқии хонандагони хурдсол аст, изҳори ақида мекунад. Зикр мегардад, ки барои баланд бардоштани сифати таълим ва вусъат пайдо кардани самаранокии таҳсилот истифодаи оқилона аз технологияҳои таълим аз унсурҳои манфиатбахши фаъолияти омӯзгор маҳсуб меёбад.

Боби чоруми рисола ба **«Сатҳи ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робита ба рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ»** бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф андешаҳои хешро оид ба консепсия ва мушаххас намудани роҳу равиши мазмуни таҳсилот, коркарди нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, таҳияи шаклҳои гуногуни нақшаю барномаҳо, ки дар фазои таҳсилот арзи вуҷуд доранд, илман асоснок кардааст.

Натиҷаи коркарди корҳои назарсанҷӣ ва умуман корҳои озмоишӣ тариқи ҷадвалу диаграммаҳо мувофиқи мактабу минтақаҳо мушаххас бо усули оморӣ дуруст ва нишонрас манзур шудааст.

Пас аз ҳар боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амали холи нест.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои рисоларо инъикос менамояд.

Таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишии доиркардашуда ба амали шудани ҳадафи рисола мусоидат намуда, фарзияи рисоларо дар бораи тавассути фаъолиятҳои фориғаздарсӣ тақвият бахшидани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагон асоснок намуд.

Хулоса, диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони

модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» саҳифаи тозае дар омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ шумор рафта, таълифоти мукаммал ба шумор меравад ва муаллифи он сазовори доктори илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Абдураҳимзода Қудратулло Саид

Маълумот барои тамос: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67. Тел: (+992) 918274643
E-mail: abdusamad06ru@mail.ru

*Имзои профессорАбдураҳимзода Қ.С.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори ШК ва КМ-и
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

9.12.24